# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи: «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик). – Бохтар, 2025. – 211 саҳ.**

**Мутобиқати мавзуъ ва муҳтавои диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқшуда ба шиносномаи ихтисоси илмии 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (Таърихи халқи тоҷик) комилан мутобиқ мебошад. Зеро он ба масъалаи фаъолияти ниҳоди муҳимми давлатӣ дар самти иштироки занон дар ҳаёти иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ дар чаҳорчӯби сиёсати дохилии ИҶШС дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX бахшида шудааст. Рисола бо истифода аз сарчашмаҳои муътамад баррасӣ гардида, ба принсипҳои таҳқиқи илмии таърихи ватанӣ ҷавобгӯ мебошад.

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ.** Мавзуи таҳқиқотӣ, ки аз ҷониби муҳаққиқ пешниҳод шудааст, ба баррасии яке аз самтҳои муҳими сиёсати иҷтимоӣ ва гендерии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон бахшида шуда, доираи васеи масъалаҳои марбут ба ҷалби занон ба истеҳсолот, ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии марҳалаи муҳимми таърихи мамлакатро дар бар мегирад. Муаллиф дар рисола ҳадафи аслиро дар омӯзиши ҷанбаҳои гуногуни фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварзи назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар давраи ташаккули сиёсати иҷтимоии давлати шуравӣ мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар рисола нақши ин ниҳод дар амалигардонии сиёсати иҷтимоиву гендерӣ, ташаккули нерӯи меҳнатии занон, рушди муассисаҳои маишиву фарҳангӣ бахшида ба занон бо асноди бойгонӣ ва ҳуҷҷатҳои расмии замон исбот гардидааст. Мавзуъи таҳқиқ мубрам ва саривақтӣ буда, дар таърихнигории муосири тоҷик бори аввал дар шакли таҳқиқоти диссертатсионӣ пешниҳод шудааст.

**Навгонии илмӣ ва саҳми шахсии муаллиф**. Аз ҷумлаи навгониҳои илмии диссертатсия метавон инҳоро қайд кард: нахустин бор дар таърихнигории тоҷик фаъолияти КБММКЗ ҳамчун як сохтори мустақили давлатӣ мавриди омӯзиши илмии ҷиддӣ қарор гирифтааст. Дастоварди дигари муҳимми илмии рисола дар он аст, ки равандҳои ташаккули сиёсатҳои иҷтимоӣ нисбати занон дар заминаи амалияи фаъолияти як ниҳоди мушаххаси иҷтимоии давлатӣ ба таври комил ва мустанад таҳқиқ шудааст. Рисолаи илмӣ дорои пойгоҳи мустаҳками манбаъшиносӣ буда, дар он беш аз 200 ҳуҷҷати феҳристшудаи Хазинаҳои №11 ва №13-и Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои расмӣ, қарорҳои ҳизбӣ ва ҳукуматӣ, матбуоти даврӣ ва дигар сарчашмаҳои ҳуқуқию таърихӣ истифода шуда, бори аввал дар сатҳи илмӣ баррасӣ гардидаанд (саҳ. 9–16). Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқот бо санҷиш ва таҳлили амиқи сарчашмаҳо тавонистааст: сохтори ташкилӣ, самтҳои фаъолият ва нақши КБММКЗ-ро муайян намояд; ҳамкориҳои байниидоравӣ бо дигар ниҳодҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро таҳлил намояд; масъалаи татбиқи сиёсати гендерии даврро аз дидгоҳи амалии ташкилӣ бозтоб диҳад.

**Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда**. Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дорои якчанд натиҷаҳои муҳимми илмиест, ки дар илми таърихшиносии тоҷик бори аввал пешниҳод гардида, дорои арзиши назариявӣ ва амалӣ мебошанд. Нуктаҳои асосии илмии ба ҳимоя пешниҳодшуда иборатанд аз:

Дар рисола равандҳои татбиқи сиёсати иҷтимоиву гендерии замони шурави тавассути фаъолияти Кумита ба таври мушаххас ва ҳуҷҷатӣ таҳлил гардада, ба масъалаи чӣ гуна сиёсати баробарии гендерӣ аз нақшаҳои расмӣ ба амалияи воқеии иҷтимоӣ гузаронида мешуд, равшанӣ андохта шудааст.

Муҳаққиқ бори нахуст нақши КБММКЗ-и Тоҷикистонро дар ташкили муассисаҳои кӯдакона, мактабҳои маҳви бесаводӣ, клубҳои занона ва курсҳои омӯзишии касбӣ дар солҳои 1929–1937 таҳқиқ кардааст.

Дар асоси маводи бойгонӣ, муаллиф муайян намудааст, ки ҷалби занони тоҷик ба соҳаи истеҳсолот, маориф ва ҳаёти ҷамъиятӣ тавассути механизмҳои

мураттаби ташкилӣ амалӣ мегардид, ки онҳоро маҳз Кумита роҳандозӣ ва ҳамоҳанг мекард.

Натиҷаҳои ба дастомада дорои аҳамияти илмӣ-амалӣ буда, метавонанд дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, навиштани китобҳои дарсӣ оид ба таърихи иҷтимоии Тоҷикистон, инчунин дар таҳқиқоти муқоисавии давлатҳои пасошуравӣ истифода шаванд.

Натиҷаҳо ва нуктаҳои илмии аз ҷониби муаллифи рисола пешниҳодшуда, нишон медиҳанд, ки фаъолияти КБММКЗ дар солҳои 1929–1937 дар рушди иҷтимоии Тоҷикистон нақши назаррас доштааст.

Ҳакмин тариқ, рисолаи илмӣ бо истифодаи усулҳои таҳлили мукаммали таърихӣ ва манбаъшиносӣ таҳия гардида, ба равшании тамоми самтҳои фаъолияти КБММКЗ, аз ҷумла: ташаккули сохтори идорӣ; нақши Кумита дар ҷалби занон ба меҳнату таҳсил, таъсири он ба беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодии занон ва ҳоказо мусоидат кардааст.

**Саҳми шахсии муаллиф** дар интихоби мавзуи нав, таҳияи методологияи мушаххаси таҳқиқот, кор бо сарчашмаҳои хаттии тоҷикӣ, русӣ, узбекӣ ва таҳлили мундариҷаи иҷтимоиву сиёсии онҳо басо назаррас аст. Муҳаққиқ дар баробари таҳлили таърихӣ, ба ҷанбаҳои ҳуқуқӣ, маишӣ ва фарҳангии ҳаёти занон таваҷҷуҳи махсус зоҳир кардааст, ки ин кори ӯро фаромавзӯӣ мегардонад.

**Асоснокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия**. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар рисола баёнгардида бо асоснокӣ ва эътимоднокӣ фарқ менамоянд. Ин эътимоднокӣ дар навбати аввал ба таҳлили амиқ ва мантиқии сарчашмаҳои муътамад, ки асоси тадқиқотро ташкил медиҳанд, такя мекунад. Таҳлилҳои муқоисавӣ ва илмии дар рисола пешниҳодшуда, натиҷаи коркарди манбаъҳои аслӣ (қарорҳо, нақшаҳо, фармонҳо, ҳисоботҳои ташкилотҳои маҳаллӣ ва ҷумҳуриявии КБММКЗ) мебошанд, ки дар асоси принсипҳои илмии таърихнигорӣ амалӣ гардидаанд. Муаллиф бо истифода аз методологияи таърихнигории муосир (таърихият, таносуби воқеият ва қонунгузорӣ, таҳлили сохторӣ-функсионалӣ) тавонистааст хулосаҳои хешро аз рӯйи мантиқ ва далелҳои қавӣ асоснок созад. Тавсияҳои дар охири рисола

ифодаёфта, хусусан дар бахши «Татбиқи амалии натиҷаҳо», ҷанбаҳои воқеӣ ва муосири масъалаи таҳқиқшавандаро дар бар гирифта, имкони истифодаи онҳоро дар таҳияи барномаҳои таълимӣ, омодасозии кадрҳо, таҳқиқи муҳоҷирати меҳнатии занон ва таҳияи сиёсати гендерии замони муосир фароҳам месозад. Ҳамаи хулосаҳо бо матни асосӣ ва маводи бойгонии истифодагардида робитаи мустақим доранд ва аз он шаҳодат медиҳанд, ки муаллиф ба таври амиқ ва масъулона бо маводи таҳқиқотии худ кор бурдааст.

Бо назардошти навиштаҳои боло, метавон гуфт, ки хулосаю тавсияҳои дар рисола ифодаёфта асоснок, муътамад ва  дар амалияву таҳқиқоти илмии минбаъда қобили истифода мебошанд.

**Сохтори илмии диссертатсия**. Тарзи баён, нақшаи мантиқии таҳлили масъалаҳо ва мураттабсозии маводи илмӣ аз малакаи мустақили таҳқиқотии муҳаққиқ шаҳодат медиҳанд. Рисола аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва рӯйхати сарчашмаҳо иборат буда, пайвастагии мантиқии байни қисмҳо пурра таъмин шудааст.  Дар ҳар як боб масоили марбут ба ташкили КБММКЗ, нақши он дар соҳаҳои меҳнат, маишат, маърифат ва ҷалби занон ба ҳаёти ҷамъиятӣ таҳлили амиқ ёфтаанд.

**Муқаддимаи диссертатсия** яке аз бахшҳои асосии рисола ба шумор рафта, дар он зарурияти илмии таҳқиқ, навгонии мавзуъ, дараҷаи омӯзиши масъала, мантиқи интихоб ва аҳамияти иҷтимоию сиёсӣ ва таърихии мавзуъ мукаммал ифода ёфтааст. Он бо мантиқи равшан, асоснокии назариявӣ ва равиши методологӣ таҳия шуда, ба таври комил муҳити илмии мавзуъро ифода мекунад.  Муқаддима на танҳо зарурати интихоб ва асоси илмии мавзуъро нишон медиҳад, балки таҳқиқотро дар як заминаи муътамад ва мушаххаси таърихӣ ҷой медиҳад.

Боби якуми рисола «Ташкил ва оғози фаъолияти рушди КБММКЗ назди раёсати ҶШС Тоҷикистон» (саҳ. 17–68), аз ду зербоб иборат аст. Он ба таҳқиқи масъалаи ташаккули сохтории ниҳоди муҳим – КБММКЗ – бахшида шудааст, ки дар зинаи аввали ташкили сиёсати иҷтимоиву гендерии давраи  ибтидоии шуравӣ нақши калидӣ бозидааст. Дар боби мазкур таъсиси КБММКЗ дар сатҳи

ҷумҳуриявӣ ва ноҳиявӣ, марҳалаҳои ташаккул, заминаҳои ҳуқуқӣ ва қарордодҳои ҳизбиву давлатӣ баён шудаанд (саҳ. 17–39). Муаллиф дар ин қисмат аз асноди бойгонӣ истифода бурда, бо ишора ба қарорҳои пленумҳои ҳизбӣ ва фармонҳои раёсати КИМ собит мекунад, ки Кумита ба таври расмӣ ва бо нақшаи аниқ амал мекард. Дар ин қисмат муҳаққиқ, инчунин таъсиси зерсохторҳои КБММКЗ-ро дар сатҳи вилоят, округ ва ноҳия баррасӣ мекунад. Бо такя ба санадҳои бойгонӣ нишон додааст, ки ташкилот дар тамоми қаламрави ҷумҳурӣ фаъолият мекард. Ҳамзамон, таҳлили муфассал оид ба робитаи Кумита бо шуъбаҳои занони назди ҳизб, маориф, тандурустӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оварда шудааст. Муаллиф собит месозад, ки фаъолияти КБММКЗ бо сохторҳои дигари ҳукуматӣ ҳамоҳанг шуда, барномаҳои ҷалби занон ба истеҳсолот ва фарҳангро бо роҳбарии ҳизбӣ татбиқ мекард (саҳ. 40–68). Амалан, Кумита ҳамчун «пули васлкунандаи сиёсати давлатӣ ва ҷомеа» баррасӣ мегардад. Муаллиф таъкид мекунад, ки КБММКЗ яке аз аввалин сохторҳое буд, ки сиёсати баробарии гендериро ба шакли амалӣ дар ҷомеаи анъанавии тоҷик татбиқ кард; фаъолияти ин Кумита ба тадриҷӣ шикастани қолабҳои фарҳангии маҳдудкунандаи фаъолияти занон мусоидат кард; таҳкими зерсохторҳои он ба вусъати иштироки занон дар истеҳсол, омӯзиш ва иҷтимоиёт замина гузошт.

Ҳамин тариқ, боби якуми рисола дорои сохтори возеҳ, мантиқи илмӣ ва асосҳои ҳуқуқӣ мебошад. Раванди таъсиси Кумитаро бо далелҳои бойгонӣ равшанӣ меандозад. Дар таҳқиқи сиёсати иҷтимоии Тоҷикистони шуравӣ саҳми назаррас дорад. Бо назардошти он ки чунин таҳқиқ то кунун сурат нагирифтааст, метавон гуфт, ки боби якум дар таҳияи асоси назариявию амалии фаъолияти КБММКЗ нақши калидӣ мебозад.

Боби дуюми рисолаи мазкур «Нақш ва фаъолияти КБММ-и коргарзанон ва занони кишоварз дар солҳои 20-ум ва 30-юми асри ХХ» ном дошта, аз ду зербоб иборат мебошад. Зербоби аввали боби дуюм (саҳ. 69–99) ба баррасии масъалаи шароити иҷтимоӣ, маиши ва ҳуқуқии коргарзанон дар бахши кишоварзӣ бахшида шуда, нақши амалии КБММКЗ дар таъмин ва беҳдошти

шароити кории занон дар муҳити деҳоти Тоҷикистонро таҳқиқ мекунад. Муаллиф тавассути мисолҳои дақиқ нишон медиҳад, ки аксарияти занони тоҷик дар солҳои 20–30-юм дар бахши кишоварзӣ фаъолият мекарданд, вале раванди меҳнатӣ бе ҳимояи ҳуқуқӣ дар шароити мушкил ва бе дастрасӣ ба хадамоти иҷтимоӣ сурат мегирифт. Маҳз дар чунин шароит КБММКЗ ҳамчун ниҳоди давлатӣ ва иҷтимоӣ фаъол гардид. Он тавассути таъсиси айвончаҳои сояафкан, чойхона ва яслиҳои саҳроӣ, назорати тӯли вақти корӣ (саҳ. 50–55) кӯшиш менамуд, ки дастрасии занонро ба меҳнати сабуктар ва бо шароити беҳтар фароҳам созад. Муаллиф бо ишора ба ҳуҷҷатҳои бойгонӣ нишон медиҳад, ки на ҳама роҳбарони хоҷагиҳо ба ин қоидаҳо риоя мекарданд. Аз ин лиҳоз, дар баъзе ҳолатҳо Кумита ба муҷозоти маъмурӣ ва ирсоли нома ба ташкилотҳои ҳизбӣ даст мезад (саҳ. 58–60). Муаллиф бо пайванд додани далелҳои бойгонии давлатӣ ва таҳлили воқеияти замон нишон медиҳад, ки КБММКЗ дар ташаккули механизми ибтидоии ҳимояи иҷтимоии занони кишоварз саҳми воқеӣ гузоштааст.

Дар зербоби дуюми боб (саҳ. 100–132) ба фаъолияти ниҳод роҷеъ ба амали гардонидани ҳадафҳои асосии давлат – фароҳам овардани кадрҳои маҳаллӣ аз ҳисоби занони тоҷик, ки дар оянда дар муассисаҳои иҷтимоӣ, маориф ва тандурустӣ кор кунанд, равшанӣ андохта мешавад. Муаллиф дақиқ нишон медиҳад, ки Кумита бо дастгирии ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ ва ҳукуматҳои маҳаллӣ, тавассути таъсиси курсҳои кутоҳмуддати касбӣ ва клубҳои омӯзишӣ шароити тағйири воқеии ҳаёти иҷтимоии занонро фароҳам сохтааст. Муҳаққиқ қайд менамояд, ки норасоии омӯзгорони тахассусӣ, муқовимати оилаҳо, анъанаҳои маҳаллӣ ва дигар омилҳо иҷроиши нақшаҳоро дар ин самт мушкил мекард. КБММКЗ барои мубориза бо ин монеаҳо курсҳои фаҳмондадиҳӣ ва вохӯриҳои сиёсӣ ташкил мекард. Муаллиф собит мекунад, ки нақши ниҳод дар табдил додани образи иҷтимоии зан аз як шахси хонашин ба як мутахассис ва фаъол калидӣ буд. Омодасозии кадрҳо аз ҳисоби занон ба воситаи шабакаи мактабу курсҳои КБММКЗ тадриҷан боиси шаклгирии табақаи нави иҷтимоӣ – зани фаъол гардид.

Ҳамин тариқ, боби дуюми рисола бо истифодаи далелҳои муътамад ва таҳлили бисёрсатҳӣ, фаъолияти КБММКЗ-ро ҳамчун ниҳоди амалкунандаи иҷтимоӣ, тарбиявӣ ва истеҳсолӣ нишон медиҳад. Зербобҳо, бо такя ба далелҳои бойгонӣ, таҳлили воқеияти иҷтимоӣ ва оморӣ собит менамоянд, ки он танҳо як ниҳоди ташвиқотӣ набуда, балки яке аз устувортарин воситаҳои татбиқи сиёсати иҷтимоии занон дар Тоҷикистон буд.

Боби сеюми рисола «Раёсатӣ КБММ оид ба ҷалби занон ба фаъолияти муфиди ҷамиятӣ ва ҳаёти маданӣ дар ҷумҳурӣ» ном дорад. Муҳаққиқ дар бахши аввали боби сеюм (саҳ. 133–152) қайд мекунад, ки КБММКЗ дар таъсиси клубҳои коргарзанон, китобхонаҳои занона ва «хонаҳои модару кӯдак», ки зери роҳбарии ниҳод амал мекарданд, саҳмгузорӣ менамуд. Ниҳод тавассути барномаҳои тарбиявӣ, курсҳои саводомӯзӣ ва машғулиятҳои фарҳангӣ механизми муҳими таблиғи идеологияи шуравӣ ба роҳ монда, раванди ҷалби занонро ба фаъолияти ҷамъиятиву меҳнатӣ тезонид. Муаллиф таъкид мекунад, ки таъсири ин курсҳо ва чорабиниҳо на танҳо сиёсӣ, балки фарҳангӣ-маънавӣ буд, ки тавассути он тасаввуроти ҷомеа оид ба нақши иҷтимоии зан тағйир меёфт. Дар зербоби мазкур қайд шудааст, ки КБММКЗ дар симои клубҳои маҳаллӣ ҳамчун «мактабҳои худогоҳии занона» амал мекарданд, ки тавассути онҳо шабакаи иҷтимоии навини шуравии занон ташкил мешуд.

Дар зербоби дуюми боб (саҳ. 153–188) муҳаққиқ нақши маъракаи 8-уми мартро ҳамчун абзори идеологӣ ва василаи ташвиқии ҳизбӣ таҳлил мекунад. Дар ин бахш қайд карда мешавад, ки КБММКЗ дар сатҳи ноҳия ва шаҳр барои омодагӣ ба 8-уми март нақшаҳои мушаххаси чорабиниҳо таҳия мекарданд, аз ҷумла: баргузор кардани гирдиҳамоиҳо, маҷлисҳо, вохӯриҳо бо занони фаъол, тақвияти курсҳои сиёсӣ ва омодасозии гузоришҳо. Муҳаққиқ бо такя ба санадҳои бойгонӣ нишон медиҳад, ки дар натиҷаи гузаронидани маъракаи 8-уми март: шумораи занони шомил ба муассисаҳо зиёд мешуд, иштироки занон дар интихобот боло мерафт, сафи довталабон ба курсҳои касбӣ ва омӯзгорӣ афзоиш меёфт. Муаллиф маъракаи 8-уми мартро ҳамчун як таҷрибаи таблиғотии муваффақи ҳизбӣ таҳлил мекунад, ки дар ташаккули муҳити иҷтимоии фаъол барои занон нақш дошт.

Ҳамин тариқ, таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти КБММКЗ дар доираи ҷалби занон ба ҳаёти ҷамъиятии ҷумҳурӣ нишон медиҳад, ки ин ниҳоди давлатӣ дар ташаккули низоми нави иҷтимоӣ, тағйири мавқеъ ва мавқеи зан дар солҳои 20–30-юми асри XX нақши калидӣ бозидааст. Фаъолияти амалии Кумита, бахусус дар самти таблиғи ҳуқуқу имкониятҳои занон, рушди саводнокӣ ва иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ, на танҳо ҷанбаҳои идеологӣ, балки таъсири мустақим ва устувори иҷтимоӣ дошт. Дар заминаи натиҷаҳои бадастомада муҳим аст, ки хулосаҳои таҳқиқот бо

пешниҳодҳои мушаххаси назариявӣ ва амалӣ такмил дода шаванд, ки онҳо метавонанд дар таҳқиқоти минбаъда ва низ дар сиёсати иҷтимоии замони муосир роҳнамо бошанд.

Дар хулосаи рисола (саҳ. 189–194) натиҷаҳои муҳими илмӣ ба таври возеҳ ва низомнок оварда шудаанд.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ**. Таҳқиқоти диссертатсионӣ аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ дар доираи ихтисосҳои соҳаи илмҳои таърих ҷамъбаст гардида, тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ пурра мутобиқат менамояд.

Хулоса, сохтор, ҳаҷм ва мазмуни асосии диссертатсияи Файззода Р.Х. дар мавзуи «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум ва ибтидои солҳои 30-юми асри XX» ба талаботи муайяншудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат менамояд. Мазмуни автореферат бо диссертатсия комилан мувофиқ буда, муҳтавои умумии диссертатсияро дарбар мегирад. Довталаби дараҷаи илмӣ оид ба мавзуи диссертатсия 7 мақолаи илмӣ, аз ҷумла 4 мақола дар маҷаллаҳои такризшаванда КОА-и назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 3 мақола дар дигар нашрияҳо интишор намудааст. Диссертатсияи Файззода Р.Х. фарогири асоситарин ва муҳимтарин бардоштҳои илмии муаллиф буда, бо далелҳои зарурӣ ва хулосаҳои мушаххас дар охири ҳар банд ва таълифоти довталаби дараҷаи илмӣ оварда шудааст.

Сарфи назар аз сатҳи илмӣ ва арзиши муҳими кори таҳқиқотӣ, якчанд нуқтаҳоро барои такмили рисола метавон пешниҳод кард:

1. Таҷзия ва таҳлили миқдорӣ: Ҳарчанд ҳуҷҷатҳои бойгонии зиёд истифода шудаанд, таҳлили миқдории фаъолияти ташкилотҳо (масалан, шумораи муассисаҳои кушодашуда, омӯзишгоҳи занона, марказҳои маишӣ ва ғ.) метавонад ба шинохти амиқтари масъала кӯмак кунад.

2. Таҳлили муқоисавӣ бо дигар ҷумҳуриҳо: Муқоиса бо сохторҳои ҳамсон дар Узбекистон ё Қазоқистон, ки каме ишора шудааст, агар васеътар пешниҳод мешуд, натиҷаҳои тадқиқотро тақвият мебахшид.

3. Таҳлили ҷанбаҳои танқидӣ: Диссертатсия ба ҷузъиёти ташкилӣ тамаркуз мекунад, вале дар бахши баррасиҳои интиқодӣ масалан, маҳдудиятҳои сохторӣ, муқовимати иҷтимоиву фарҳангӣ, ҷой барои таҳлили амиқтар боқӣ мемонад.

4. Матн: Баъзе қисмҳои матн такрор шудаанд ва ба таҳрири услубӣ ниёз доранд.

Аммо ин нуқсонҳо ба арзиши илмии тадқиқот таъсири ҷиддӣ намерасонанд. Дар маҷмуъ, диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд

таҳқиқоти ҷиддии илмӣ буда, бо мақсад, вазифа ва методологияи мушаххас, манбаъҳои асоснок ва натиҷаҳои илмии қобили таваҷҷуҳ омода шудааст.

Диссертатсияи Файззода Рамазон Хурсанд дар мавзуи «Фаъолияти Кумита оид ба беҳдошти меҳнат ва маишати коргарзанон ва занони кишоварз (КБММКЗ)-и назди Раёсати КИМ ҶШС Тоҷикистон дар охири солҳои 20-ум-ибтидои солҳои 30-юми асри XX» ба талаботи бандҳои 31, 33, 34-35-и «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ», ки бо қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26.06.2023, таҳти №295 тасдик шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.02 - Таърихи Ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) сазовор мебошад.

**МУҚАРРИЗИ РАСМӢ:**

Доктори илмҳои таърих,
профессори кафедраи
таърихи халқи тоҷики ДМТ М.Ф. Зикриёева

12 июни соли 2025.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, кӯчаи Буни Ҳисорак, бинои 11,
ҳуҷраи 333

Имзои Зикриёева М.Ф.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи милии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.